*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумхурии Тоҷикистон» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити бухрони иқтисоди бозорӣ масъалаҳои устувории фаъолияти корхонаи саноатӣ аҳамияти калон доранд. Корхонаҳои саноатӣ, ки дар шароити рақобати шадиди дохилӣ ва берунӣ фаъолият мекунанд, бояд ба хавфҳои молиявие, ки дар ҷараёни истеҳсолот ба вуҷуд меоянд, диққати ҷиддӣ диҳанд. Яке аз унсурҳои асосии соҳаи истеҳсолот ва муомилот воситаҳои гардон ё дороиҳои гардон мебошанд. Дороиҳои гардон ба хавфнокии фаъолияти он ҳадди аксар таъсир мерасонад. Идоракунии ин намуди дороихо дар доираи сиёсати кӯтоҳмуддат амалӣ карда мешавад, ки маънои онро дорад, ки хавфҳои марбут ба он бояд ба назар гирифта шаванд ва ҳарчи зудтар ҷуброн карда шаванд. Арзёбии таъсири манфии ба вуҷуд омадаистодаи идоракунии номатлуби хавфҳо бояд аз рӯи намудҳои дороихое, ки якҷоя сармояи гардиширо ташкил медиҳанд: захираҳои молӣ, истеҳсолоти нотамом, махсулоти тайёр, карзи дебиторӣ, пули накдӣ алоҳида анҷом дода шаванд.

Бисёре аз таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣи иҷтимоию иқтисодӣ ба омӯзиши мушкилоти идоракунии хавфҳо, оптимизатсияи харочот барои идоракунии захираҳои корхонаи саноатӣ ва арзёбии хавфҳои молиявии фаъолияти истеҳсолӣ бахшида шудаанд.

Муаммоҳои арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои молиявӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мебошад. Аввалан, ин аз он иборат аст, ки дараҷаи хавфи гирифташуда ба ташаккули сатҳи даромаднокии амалиёти молиявии хар як корхона таъсир мерасонад. Дуюм, хавфҳои молиявӣ шакли асосии тавлиди таҳдиди мустақими на танҳо ба аз даст додани мавқеи устувори корхона, балки ба муфлисшавӣ низ мебошанд, зеро талафоти марбут ба ин хавфҳо бештар назаррасанд. Вобаста ба ин, қариб ҳамаи қарорҳои молиявие, ки ба таъмини даромаднокии корхонаи саноатӣ, баланд бардоштани арзиши бозории

он ва таъмини амнияти молиявӣ нигаронида шудаанд, дониши назария ва методологияи идоракунии хавфҳоро талаб мекунанд.

Монеаи асосӣ дар самти идоракунии илман асосёфтаи хавфҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нокифоя будани бисёр муқарраротӣ назариявӣ, инчунин равишҳои методологие мебошад, ки татбиқи бомуваффақияти қарорҳоро оид ба хавфҳо таъмин менамоянд. Бо дарназардошти он, ки ҳар як субъекти хоҷагидорӣ мустақилона қарор қабул мекунад ва барои оқибатҳои эҳтимолии амалисозии хавфҳо масъул аст, инчунин муайян, таҳлил ва арзёбӣ намудани дараҷаи таъсирнокӣ ба натиҷаҳои фаъолияти молиявии корхона ёке аз вазифаҳои таъхирнопазири идоракунии молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва байналмилалӣ шудани бозорҳои ҷаҳонӣ, идоракунии хавфҳои молиявӣ дар баробари салоҳияти кадрҳо ва сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, истифодаи самараноки захираҳои моддию иттилоотӣ омили ҳалкунандаи баланд бардоштани қобилияти рақобати корхонаҳои саноатӣ мегардад. Зарурати ҳалли проблемаи бисёрҷанбаи идоракунии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ мубрамият ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии Амиров М.С. муайян мекунад.

**Дар автореферат с**тратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳои саноатӣ хӯрокворӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст. Стратегия вазъи ояндаи низоми идоракунии ба хавф нигаронидашудаи корхона ва ҳуҷҷати асосии мебошад, ки талаботро барои шакли муносиби низоми идоракунии хавфҳои корхона дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ, аз ҷумла шурои директорон, роҳбарият ва фаъолияти амалиётӣ муқаррар мекунад. Ҳамин тариқ пешниҳод шуд, ки таҳияи стратегия бояд ба зиммаи шуъбаи идоракунии хавфҳои молиявӣ вогузор карда шавад. Аз ин лиҳоз, гуфтаҳои дар боло зикргардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмии мазкурро муайян менамояд.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ навишта шудааст, баъзе эродҳо дорад, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1.Муаммоҳои асосии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод нагардидаанд.

2. Дар саҳифаҳои 11-12 автореферат муаллиф стандартҳои умумии корпоративии ҷаҳонӣ таҳлил мекунад, вале бояд аз таҷрибаи мусбати давлатҳои хориҷии арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатиро,

ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тадбиқ шавад пешниҳод нашудааст.

Дар маҷмуъ, қайд кардан лозим аст, ки эродҳои овардашуда на он қадар ҷидди буда, арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хулоса менамоям, ки автореферати диссертатсия номзадии Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи "Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар сатҳи баланди илмӣ иҷрошуда ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисоди аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои иқтисодӣ,мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Холов Т.А.

Имзои Холов Т.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзода Ҷ.А.

Суроға: 735140,Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар,кучаи Айнӣ 67,
Телефон (+992-3222) 24520, 2022253, 98-77-77-166
E-mail: kholov.tojiddin@.mail.ru